Проблемы монетарной политики нашли своё отражение в трудах таких учёных, как В.М. Усоскин, А. Илларионов, Г. Гриценко, В. Макаров, И. Бобков, М. Домбровский.

Однако их научные труды по обеспечению устойчивости денег нельзя считать завершенными. Многие теоретические положения, разработанные ими, требует аналитического подхода, так как экономические, демографические, социальные условия, а также менталитет народа имеют свои различительные особенности.

Надо отметить, что и в нашей стране проводились многочисленные исследования по освещению некоторых сторон монетарной и фискальной политики государства.

В Республике Таджикистан проблемы стабильности и регулирования национальной валюты нашли отражение в трудах Н.К. Каюмова, Т.Н. Назарова, Р.К. Рахимова, Х.У. Умарова, М.М. Исмаиловой, Т.Р. Ризакулова, И. Иброхимова. Исследования в области денежной и кредитной политики М.Р. Муртазокулова, А.Х. Турсунова, Б.У. Урокова, Х.Ш. Шарипова и т.д. были непосредственно посвящены этой области.

Анализ научных работ указанных учёных, показывает, что на современном этапе экономического развития теоретическая и методологическая база денежной политики, применительно к регулируемой рыночной экономике, разработана не в достаточной степени, поскольку новая условия перехода к рынку вызвали многочисленные дискуссии, которая пока ещё не привели к единому взгляду по целому ряду вопросов названной политики. Поэтому дальнейшее продолжение поисков относительно путей совершенствования денежной политики не вызывает сомнений. Особенно важным представляется выяснение связей между существующей денежной массой и общей стоимости товаров. Необходимо раскрыть и освещать экономическую сущность и законы денежного обращения.

**Цель и задачи исследования.** Целью исследования является углубленное изучение теоретических основ обеспечения стабильности национальной валюты в условиях наличия и действия факторов, которые приводят к обесцениванию денег, а также, разработка предложений и рекомендаций, способствующие предотвращению обесценивания денежных средств.

Для достижения этих целей были определены следующие задачи:

- анализ теорий сущности денег, их функции и роли в экономике республики Таджикистан;
- разработка теоретических основ укрепления национальной валюты сомони на базе основных положений теорий устойчивости денег;
- изучение основных причин разрушения устойчивости денег, определение особенностей, присущих только Таджикистану, в условиях перехода к рыночной экономике;
- анализ эффективности мероприятий, осуществляемых в рамках денежной политики РТ;

- определение факторов, влияющих на основные показатели устойчивости национальной валюты, а также разработка предложений и рекомендаций по устранению нестабильности денег.

**Предметом исследования** является анализ институциональных причин и факторов, приводящих к неравновесию между товарными и денежными потоками, и разработка мер по обеспечению устойчивости национальной валюты.

**Объектом исследования** является процесс трансформации валютных отношений и денежной политики Республики Таджикистан в условиях перехода к рыночным отношениям.

**Область исследования:** Диссертационная работа выполнена в соответствии с требованиями паспорта ВАК при Президенте РТ (экономические науки), по специальности: 6D.KOA-004.08.00.01 – экономическая теория, в частности, п.п.: 1.1. Политическая экономия: структура и закономерности развития экономических отношении; закономерности эволюции социально-экономических систем; состав, структура и динамика национального богатства и его состояние; экономика ресурсов (рынков капиталов, труда и финансов); формирование экономической политики (стратегии) государства; теоретические проблемы экономической безопасности; теория общего экономического равновесия; теории экономики благосостояния; 1.2. Макроэкономическая теория: теория денег; теория инфляции;

**Теоретическую и методологическую базу диссертации** составляют исследования классиков и ведущих современных ученых, которые проводились в этой области. В процессе работы были использованы официальные статистические данные Национального банка Республики Таджикистан, Министерства финансов Республики Таджикистан, Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан, фактические материалы органов, которые координируют лицензирование и деятельность финансового рынка, а также материалы специализированных и посреднических институтов (банковские, страховые, аудиторские, лизинговые, рекламные и другие компании).

При написании диссертации были использованы такие методы, как научная абстракция, анализ и синтез, типологии, сравнения, качественные и количественные экспертные оценки, графические изображения, дедукции и индукции.

**Научная новизна диссертации** состоит в следующем:

- в работе проанализированы сущность и природа возникновения денег, их роль в экономике, а также даны анализ и оценка различных теорий и концепции о современных деньгах и денежных отношениях. Раскрыты характерные черты денежного обращения в условиях непредсказуемости и неопределенности в развитии экономики;

- обобщены подходы и опыт зарубежных стран в сфере обеспечения устойчивости денег, дана авторская оценка причин и факторов обеспечения устойчивости денег в условиях низкой монетизации и выявлены приоритетные направления стабильного роста курса национальной валюты в современных условиях;

- сделана попытка раскрыть институциональные аспекты обеспечения устойчивого денежного обращения, взаимосвязей между уровнем денежного обеспечения экономики и институтами рынка, выявлены факторы, противодействующие устойчивости национальной валюты;

- раскрыты объективные законы денежного обращения, показаны их различия, а также особенности функционирования национальной валюты в современных условиях. Раскрыто воздействие инфляции на стабильность национальной валюты и устойчивости денежного обращения;

- представлены теоретические разработки по безинфляционному росту уровня денежного обеспечения экономики, и обоснованы предложения по проведению экспериментов с целью предотвращения негативных последствий быстрого роста денежной массы на инфляцию.

- уточнены причины и особенности обесценивания денег в Таджикистане, исходя из особенностей современного развития национального хозяйства и места производственного секторе в структуре экономики, обоснованы факторы, продвигающие и препятствующие росту социально-экономической эффективности национальной валюты в условиях переходного процесса;

- разработаны предложения по устранению проблем, способствующих снижению скорости движения денежных средств и эффективности их использования. Эти проблемы показаны посредством анализа основных показателей, характеризующих устойчивость национальной валюты (сомони).

**Теоретическое и практическое значение** исследования состоит в том, что теоретические разработки и научные обобщения обогащают теории о деньгах и их устойчивости, а также расширяют возможности обеспечения устойчивости денег в переходных условиях.

Основные положения и выводы диссертации могут быть использованы соответствующими государственными структурами при разработке и осуществлении экономической политики по совершенствованию механизмов совершенствования денежных отношений,которые в конечном итоге, содействует макроэкономической стабилизации в Таджикистане. Предложения и рекомендации можно использовать при разработке государственных мер и программ по обеспечению устойчивости денег и повышению их ценности.

Основные положения, выработанные в ходе исследования можно использовать при создании учебных и наглядных пособий, а также применять их на занятиях по предметам: «Валютный контроль и регулирование», «Экономическая теория», «Банковское дело», «Финансы», и т.д.

**Информационную основу исследования** составили законодательные акты, материалы и статистические данные Министерства финансов,

Рыночные механизмы экономики состоят из видов деятельности, которые начинаются с производства товаров и услуг и заканчиваются их доставкой покупателю. Производственные ресурсы приобретаются за деньги на рынке, где товары создаются, обмениваются на деньги и переходят к потреблению. Здесь важное значение приобретает вопрос: для чего используются товары? - для личного потребления или на инвестиции? В любом случае, они реализуются с помощью денежных средств. В условиях рыночной экономики, организация товарно-денежных отношений, обмен денег, хранение денежных средств и их распределение, передача в долг излишних ресурсов, их продажа, организация финансов посредством денег ещё больше усиливается и осложняется. Это означает, что деньги олицетворяют в себе экономические отношения и действуют в качестве их объекта.

С первых дней независимости Таджикистан нуждался в денежных ресурсах и нормальной организации денежных отношений. Однако, советские, а потом российские рубли не могли в достаточном объёме обеспечить полную валютную, и, следовательно, экономическую независимость. Нехватка денежных средств в экономике постепенно привела к эмиссии национальной валюты. Таджикские рубли, стали единым средством оплаты во всей территории страны. Так, по сообщению ГСБ РТ «Амонатбонк» (таджикский преемник Сбербанка СССР), на 01.01.1992 года числилось 1 млн. 623,6 тыс. вкладчиков во всех филиалах «Амонатбанка», а совокупная сумма вкладов составляла 3 млрд. 629,8 млн. советских рублей.

«Вопросы компенсации вкладов населению не входит в компетенцию «Амонатбанка», – ответили там, добавив, что указом Президиума Верховного совета страны от 29 июля 1993 года «О компенсации депозитов населения относительно обесценивания вкладов на счетах Амонатбанка» и постановлением Совета министров РТ под №454 от 8 сентября 1993 года по данному вопросу, «все вклады на счетах филиалов «Амонатбанка» до 01 января 1993 года были компенсированы на 100%».

Та самая деноминация валюты с уменьшением в 1200 раз в условиях гиперинфляции, по сути, превратила вполне солидные накопления граждан в пыль.

«Амонатбонк» рапортует, что государственные выигрышные займы выпуска 1982 года СССР были заменены на государственные выигрышные займы Таджикистана 1992-1993 годов. Но при этом не указывается опять фактор гиперинфляции, а также той искусственной сложности созданной органами власти для спокойного и полноценного обмена советских рублей и займов на новые ценные бумаги.

Ведь тогда многие просто не успели сдать государству (для последующей долговременной заморозки) все свои накопления, и многие руководящие сотрудники «Амонатбонка» неплохо «нагрелись» в то время.

«Денежная реформа 1990 годов была требованием времени, поскольку все республики бывшего СССР выпускали свои национальные валюты и

мутараққӣ тадбирҳои ҳукуматҳо оид ба таъмини устувории воситаҳои пулӣ натиҷаҳои мусбат овардаанд, ки далели гуфтаҳои боло аст.

Чи тавре, ки маълум аст, гардиши пул – ҳаракат, гардиши воситаҳои пулии накдию ғайринақдӣ мебошад, ки ҳангоми гирдгардиши молу пардохтҳои дорои хусусияти молию ғайримолӣ барои пардохт хизмат мекунад. Билетҳои бонкӣ ва тангаҳои фулузӣ ба гардиши нақдии пул тааллуқ доранд. Ба ҳисобҳои ғацринақдӣ чекҳо, кортҳои қарзӣ, векселҳо, аккредитивҳо, варақаҳои пулдиҳӣ, ки ба ёрии онҳо амалиёт ба иштироки воситаҳои пулӣ сурат мегиранд, тааллуқ доранд.

Ҳангоми ҳисобгирии мавридҳои мазкур ҳаҷми воситаҳои пулие, ки барои гардиш дар як вақти муайяни, масалан дар муддати як сол заруранд, аз рӯи формулаи зерин муайян карда мешавад.

$$Д_с=С_т\text{-}Т_с\text{-}Н_{бс}/С_{од}$$

Дар ин ҷо:

$Д_с$ – ҳаҷми воситаҳои пулие, ки барои гардиш заруранд;

$С_т$ - ҳосили ҷамъи молу хизматҳои ба фурӯшраванда;

$Т_с$- ҳосили ҷамъи хизмату борҳои бо усули кредит бафурӯшрафта;

$Т_к$ – молу хизматҳое, ки мӯҳлати адои пардохти онҳо фаро расидааст;

$Н_{бс}$ –ҳисобҳои ғайрипулии нақдӣ;

Сод-суръати гардиши пул.[11]

Нишондиҳандаҳои мазкур ба амали омилҳое ишора мекунанд, ки ба ҳаҷми воситаҳои пулӣ таъсир мерасонанд. Бо ёрии онҳо ҳаҷми воситаҳои пулие муайян карда мешавад, ки барои гардиш дар хоҷагиҳои давлатӣ хизмат мекунанд.

Ҳамин тариқ, қонунҳои гардиши пули коғазӣ чунин шарҳ дода мешаванд:

**Якум**, чи қадаре ки пули коғазӣ бароварда нашавад, андозаи арзиши он ба андозаи арзиши мол ё тиллое, ки барои гардиш зарур аст, баробар мешавад.

**Дуюм**, тамоми ҳаёти воқеии иқтисодӣ, аз ҳамон давраи ба муомила ворид шудани пули коғазӣ сар карда, собит месозад, ки робитаи байни пули коғазӣ ва тилло нест нашудааст, ҳарчанд дар ин самт қадамҳои муайян гузошта шуданд. Робитаи мазкур то ҳол побарҷост, танҳо он модификатсия шудааст, мураккабтар гардидааст, алҳол фаҳмидани он нисбатан душвор аст.

Аз ин ҷо хулосаҳои зерин бароварда шуданд: а) донистани қонунҳои гардиши пул ва тилло, фарқи онҳо ба мо имконият медиҳад робитаи байни ин қонунҳо ва вақтро фаҳмем; б) дониши мазкур ба мо имконият медиҳад нуктаи зеринро фаҳмем: ҳатто, агар давлат миқдори кофии пули коғазии барои гардиш заруриро барорад, қобилияти харидории он бо сатҳи кафолатнокие, ки тилло медиҳад, марбут аст ва ба қонунҳои объективии иқтисодии пул тобеъ мебошад; в) ҳаҷми гардиши мол аз миқдори пули коғазии барои гардиш бароварда вобаста нест. Ҳаҷми гардиши мол бо

---

[11]Занг В.-Б. Синергетическая экономика. Время и перемены в нелинейной экономической теории. – Москва. Мир, 1999. – С.71.

афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ва афзоиши пешниҳоди хизмат дар иқтисодиёт иртибот дорад.

Дар шароити ҳаҷм барои нигоҳдорӣ ва устувории сиёсати пулию қарзӣ, устувории пул ва махсусан баланд бардоштани қобилияти харидории он равандҳои бекурбшавию таваррум, ҳамчунин аломатҳои умумӣ ва тафриқаи онро донистан лозим аст.

Дар натиҷаи надонистани таърихи пайдоиши пул, низоми он, робитаю фарқи пули коғазӣ ва тилло, ҳамчунин қонунҳои гардиши пул дар бораи тавъамияти мафҳумҳои беқурбшавии пул ва таваррум ақидаҳо паҳн шудаанд.

Алҳол таваррум натанҳо дар мамлакатҳое, ки акнун ба иқтисодиёти бозорӣ мегузаранд, балки дар мамлакатҳои дорои иқтисодиёти устувор низ мушоҳида мешавад. Масалан, таваррум ва бекорӣ ду масъалаи музмини иқтисодиёти дилхоҳ мебошад, яъне ҳам дар иқтисодиёти мутараққии навъи кушода ва ҳам дар иқтисодиёти собиқ ИҶШС дар намуди пӯшида.[12]

Барои пурра фаҳмидани раванди таваррум дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили тағйирёбии қобилияти харидории асъори миллӣ гузаронида шуд. Натиҷаи таҳлил дар диаграммае, ки дар поён оварда мешавад, инъикос ёфтааст. Он нишон медиҳад, ки сатҳи аз ҳама пасти қобилияти харидории пул дар оғози солҳои 2000 мушоҳида шудааст. Вале баъди ҷорӣ намудани асъори нав, яъне сомонӣ индекси қобилияти харидории пул хеле тез тасвиб ёфт.

**Графики 1.**

**Тағйирёбии қобилияти харидории асъори миллӣ дар ҶТ дар солҳои 2000-2017**




Ҳисобу китобро муаллиф дар асоси маълумоти «Банковский статистический бюллетень» (Душанбе, 2018. - №1 (270). – С.12) иҷро намудааст.

ҚХП – қобилияти харидории пул;
ИҚХП – индекси қобилияти харидории пул.

[12]Амосов А. Особенности инфляции и возможность противодействия ей.//Экономист. 1998. - №1. – С. 67-75.

Маълумоти график шаҳодат медиҳад, ки соли 2017 индекси қобилияти харидорӣ ба 93,7% баробар буд. Ба таври дигар, дар сурати собит будани суръати беқурбшавӣ як сомонии соли 2017 ба 0,95 сомонии соли 2015 баробар аст, яъне дар давоми як сол қобилияти харидорӣ паст шудааст. Агар ҳамин ҳолатро таҳлил кунем, қайд кардан мумкин аст, ки дар иртибот бо динамикаи тағйирёбии индекси нарх хусусияти ҷаҳишмонандӣ ва доимияти тағйирёбии қобилияти харидории асъори миллӣ боқӣ мондааст. Ин дар бораи он шаҳодат медиҳад, ки дар шароити тағйирёбии иқтисодиёт таваррум дар шакли хеле ғайриоддӣ, махсус, ки нигоҳ доштану танзим намудани он хеле мушкил аст, зоҳир мегардад.

Баъди он ки мамлакат истиқлолияти худро эълом дошт, афзоиши нархи сӯзишворию равганҳои молиданӣ ва дигар молҳои воридотӣ, қатъи супоришҳо аз марказ, вайрон шудани инфрасохтор ва муносибатҳои савдою иқтисодӣ бо мамолики ИДМ боиси афзоиши таваррум ва болоравии индекси нархҳои истеъмолӣ гардиданд. Масалан, индекси нархҳои истеъмолӣ, ки ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ таъсири манфӣ расонд, ҳангоми афзоиши воқеии ММД дар соли 2017 ба ҳисоби миёна 3,2% будан 10,1%-ро ташкил кард. Ҳол он ки дар Озарбойҷон ҳангоми ба ҳисоби миёна 5% будани афзоиши ММД индекси нархҳои истеъмолӣ 5,6%-ро ташкил кардааст. Албатта, дар дигар мамлакатҳои ҳамсоя низ ин нишондиҳандаҳо пасттаранд. Масалан, дар Қирғизистон, ки дар он ҷо дар давоми 15 сол чор бор ҳокимият нав шудааст, афзоиши ММД баҳисоби миёна 5%, ИНИ бошад бештар аз 6%-ро ташкил кардааст.

Солҳои охир дар Тоҷикистон пеши роҳи таварруми аз эътидол зиёд гирифта шуд, аммо суръати тағйирёбии индекси нархҳои истеҳсолкунандагон шаҳодат медиҳад, ки масъалаи мазкур то ба охир ҳаллу фасл нашудааст. Он дар ҷадвали 2 нишон дода шудааст. Тағйирёбии индекси нархҳои истеъмолӣ дар солҳои 2007-2017 нишон медиҳад, ки солҳои охир ба максади тасбити онҳо як қатор тадбирҳо андешида шуда истодаанд.

**Ҷадвали 2**

**Тағирёбии индекси нархҳои истеъмолӣ дар ҶТ дар солҳои 2007 – 2017 бо ҳисоби %**

| Нишондиҳандаҳо | **Солҳо** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2007** | **2009** | **2010** | **2015** | **2016** | **2017** |
| **Индексҳои нархҳои истеъмолӣ** | 119,7 | 105,0 | 109,8 | 105,1 | 106,1 | 106,7 |
| **Тағирёби нисбат ба солҳои гузашта** | 100 | 87,0 | 105,0 | 96,0 | 101,0 | 101,0 |
| **Индекси нархҳои истеҳсолкунанда** | 116,7 | 148,7 | 127,2 | 103,0 | 114,7 | 101,7 |
| **Тағирёби нисбат ба солҳои гузашта** | 100 | 127,0 | 85,0 | 81,0 | 111,0 | 89,0 |

Ҷадвалро муаллиф дар асоси «Банковский статистический бюллетень» (Душанбе, 2018. - №1 (270). – С.12) тартиб додааст.

Аз рӯи маълумоти ҷадвал фаҳмидан мумкин аст, ки дар мамлакати мо аз соли 2007 то соли 2017 нархҳо тадриҷан паст шудаанд, вале, айни замон, индекси нархҳои истеъмолӣ аз 119,7 –и соли 2007 то ба 106,7 дар соли 2017, индекси нархҳои истеҳсолкунандагон бошад аз 116,7 то 101,7% дар давраи мутобиқ ихтисор шудааст. Ҳамин тариқ, давраи мавриди баррасӣ барои рушди иқтисодиёт дар ҷанбаи макроиқтисодӣ нисбатан устувор ба ҳисоб меравад.

Сабабҳои асосии афзоиши нархи хӯрока дар он аст, ки ҳамзамон бо болоравии нархи маводи сӯхт, фулуз, таҷҳизот дар бозор бекурбшавии қурби мубодилавии расмию ғайрирасмии сомонӣ сурат гирифт. Тадқиқот нишон медиҳад, ки аз соли 2010 то соли 2017 қурби расмии мубодилавии БМТ ва қурби бозории сомонӣ нисбат ба доллари ИМА ба ҳисоби миёна 1,01 боло рафтааст, ки дар муқоиса бо бисёр асъорҳои мамлакатҳои тараққиёбанда ночиз аст.

Нисбат ба қурби расмии доллар қурби мубодилавии сомонӣ дар бозор 1/4,5; 1/4,8; 1/4,9; 1/5,6; 1/7,8; 1/8,0-ро ташкил кард.

Вале раванди мубодилаи сомонӣ ба доллар ва баръакс дар маҳалҳои алоҳидаи деҳот ва маҳалҳои аҳолинишини хурд, ки дар он ҷойҳо қурби мубодилавӣ аз курби расмӣ ва ҳатто бозорӣ баландтар аст, хеле мушкил сурат мегирад.

Аз давраи пас аз бӯҳрон ва солҳои минбаъда, мувозинати байни ин ду нишондиҳандаи макроиқтисодӣ ба даст омад. Солҳои 2007-2017 ҳарчанд ба боздоштани афзоиши таваррум ноил гардидем, ҳамзамон суръати афзоиши ММД воқеӣ низ устувор гардид.

**Ҷадвали 3**

**Тағирёбии ММД номиналӣ ва воқеӣ дар ҶТ (бо %)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2007** | **2009** | **2010** | **2013** | **2015** | **2017** |
| ММД номинаӣ | 35,4 | 57,1 | 68,3 | 100,0 | 83,7 | 84,5 |
| Дефиляторҳои ММД | 4,54 | 14,6 | 10,5 | 13,5 | 14,3 | 18,1 |
| Афзоиши ММД воқеӣ | 103,5 | 49,4 | 106,5 | 98,7 | 106,1 | 106,9 |
| ММД воқеӣ | 7,8 | 3,9 | 6,5 | 7,4 | 6,1 | 6,9 |

Манбаъ: Таджикистан в цифрах. Главное управление Агенства по статистике при Президенте Республики Таджикистан. – Душанбе, 2018. – С. 197:.

Ҳангоми ҳисоб кардани таваррум, ба ақидаи мо, ҳамчунин нишондиҳандаҳоеро аз қабили индекси нархҳои савдои хориҷӣ, аз ҷумла индекси нарх ба содирот ва воридоти мол, индекси нарх ба молҳои сармоягузорӣ, дефляторҳои ММД ва ғайраро истифода бурдан ҳатмӣ аст. Масалан, дар рафти таҳлил мо ҳисоб кардем, ки афзоиши воқеии ММД ночиз аст, вале, ба ҳар ҳол аз 103,5 то 106,6 фоизӣ зиёд шуда, агар соли 2007 он 7,8% ташкил карда бошад, соли 2017 6,9%-ро ташкил кард.

Ҳамин тариқ, маълум мегардад, ки дар оянда нигоҳ доштани усулу олатҳои мутамаркизи бозтақсими танзими иқтисодиёти давлат тавассути сиёсати андозию буҷавӣ, пулию карзӣ, асъорию нархи савдои хориҷӣ ба иҷрои вазифаи таъмини афзоиши устувори иқтисодиёт мусоидат намекунад. Ин ҳолат бо ҷанбаҳои зерин алоқаманд аст:

Аввалан, дар давраҳои моҳиятан устуворшавии гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ, дар шароити мураккаби дохилию берунӣ, танзими давлатӣ нақши хеле муҳимро иҷро кард. Он дар markазнавтақсимкунии воситаҳои молиявӣ бо роҳҳои зерин ифода меёфт:

- буҷаи давлатӣ, низоми бонкӣ, низоми корхонҳои давлатӣ;
- ба низоми бонкӣ гузаштани вазифаҳои квазифискалӣ.

Дуюм, возеҳ шуда истодааст, ки минбаъд ҳам бетағйир нигоҳ доштани вазифаҳои қаблан гузошта ва усулҳои сиёсати ҷории иқтисодиёт боиси афзоиши ноустуворӣ дар макро- ва микросатҳи иқтисодиёт мегардад.

Сеюм, танзими ғайрисамарабахши сиёсати монетарӣ дар мамлакат хавфи инҷимоди (стагнатсияи) иқтисодиро ба миён оварда, боиси маҳдуд шудани базаи содиротӣ мегардад, ки дар натиҷа дақиқии тавозуни пардохт халалдор мешавад. Он дар навбати худ ба таҷдиди таварруми баланди доимӣ ва мутаносибан ба пастшавии эътимоди агентҳои иқтисодӣ ба низоми молиявӣ сабаб мешавад ва касри буҷаи давлатиро зиёд менамояд.

Ба фикри мо, консепсияи сиёсати монетарӣ бояд ба ягонагии ногусастании соҳаи гардиши сармоя ва соҳаи истеҳсолоти воқеӣ такя кунад. Максад, вазифа ва методҳои сиёсати монетарӣ дар ниҳояти кор бояд ба солимгардонии соҳаи истеҳсолоти моддӣ, ки имрӯз бори гарони давраи гузаришро мекашад, мусоидат кунад.

Дар давраи тӯлонӣ фоидаовар ва рақобатпазир набудани аксарияти корхонаҳои бахши реалӣ дар иқтисодиёти гузариш сабаби асосии номувоффақ будани ислоҳот ба шумор меравад. Бидуни муттаҳид сохтани ҷидду ҷаҳди давлат дар ҳалли масоили соҳаи истеҳсолӣ ба даст овардани комёбӣ дар дигар соҳаҳои ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ имконнопазир аст.

Дар шароити давраи гузариш бояд амалҳои зерин максади сиёсати монетариро ташкил кунанд:

- гузаронидани ислоҳоти пайдарпай дар соҳаи гардиши пул ва низоми бонкӣ;
- ба вуҷуд овардани муҳити мутараққӣ, рақобатпазир ва устувори молиявию қарзӣ;
- раванди мусоиди сармоягузорӣ ва болоравии иқтисодӣ;
- таҳкими рақобатпазирии иқтисодиёти ватанӣ;
- ҳамгироии самарабахшии низоми бонкию молиявӣ бо бозори байналхалқии молия

Чи тавре ки мебинем, ин тарзи муайян кардани мақсадҳои сиёсати монетарӣ як қатор мақсадҳои ба ҳам алоқамандро дарбар мегирад, ки аз муносибати анъанавии таваррумӣ фарқ дорад. Ба ақидаи мо ин тарзро табиати махсуси системавию ғайримутавозини иқтисодиёти гузариши баъдинақшавӣ тақозо менамояд, вақте ки аз сиёсати монетарӣ ба ислоҳоти

низоми бонкию молиявӣ ва умуман иқтисодиёт муносибати бисёромила ва бисёрмақсада талаб карда мешавад.

Ба назари мо маҷмӯи вазифаҳои сиёсати монетарӣ бояд ҷавобгӯи талаботи зерин бошад:

1. Нишондиҳандаҳои дахлдори калидии молиявию иқтисодӣ, сифатию миқдории гардиши пул, фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, муассисаҳои молиявии ғайрибонкӣ, корхонаҳои бахши воқеиро дарбар гирад;

2. Бояд талаботи иқтисодиёти давраи гузариши ҷумҳуриро ба устувории макроиқтисодӣ ва молиявӣ, устувории молиявии корхонаҳою аҳолӣ тавсиф намояд;

3. Ба дараҷаи кофӣ зарурати мусоидати самарабахшро ба равандҳои афзоиши иқтисодӣ дар микро- ва макросатҳ ифода кунад.

Мувофиқи ин талабот, вазифаҳои асосии консептуалии сиёсати монетарӣ бояд параметрҳои зеринро дарбар гиранд:

-такмили дурнамою барномаҳои рушди соҳаи пулию қарзӣ дар иртиботи зич бо дурнамои макроиқтисодии афзоиши МММ, таваррум, тавозуни пардохтӣ;

- танзиму ҳамкории самарабахш бо миёнравҳои иқтисодӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, муассисаҳои ғайрибонкии қарзӣ, ки устуворӣ ва суботи низоми бонкию молиявиро таъмин мекунанд.

- таъмини таъсири самарабахши мутақобила ва ҳамдигарро пурра кардани бахшҳои хусусӣ ва ба давлат мувоҷеҳи низоми бонкию қарзии мамлакат;

- таъмин ва дастгирии механизми оптималии пешбурди воситаҳои молиявии давлатӣ, ки ба пешгирии бурунрафти ғайриҳадафманди воситаҳои пулии давлат равона шудаанд;

- ба даст овардани мутобиқат ва мутаносибии самарабахшии шабакаҳои молистеҳсолкунанда ва пулистеҳсолкунанда, ки механизми ғайритаваррумии фаъолияти иқтисодиёти гузаришро таъмин мекунанд.

- таҳкими институтсионалии мустақилии Бонки миллӣ дар татбиқи сиёсати он, ки ба таъмини устувории дохилию берунии сомонӣ нигаронида шудааст;

- аз байн бурдани босуръат ва марҳила ба марҳилаи амалияи қарздиҳии квазифискалии Бонки миллӣ ва низоми бонкии корхонаҳои давлатӣ;

- ба вуҷуд овардани механизмҳои самарабахши қарздиҳӣ ба вазифаҳои афзалиятноки давлат, аз ҷумла ба рушди бизнеси хурду миёна, истеҳсолоти кишоварзӣ, истеҳсолоти соҳаҳои нави баландтехнология ваояндадор; васеъ кардани бахши истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда, ташаккули табақаи васеи синфи миёна;

- таъмини қурби оптималии якхелаи сомонӣ дар доираи ҳалли вазифаҳои либерализатсияи бозори асъори ғайрибиржавӣ, тасҳеҳи механизмҳои амалигардонии сиёсати пулию қарзӣ ва сиёсати назорати бонкӣ тибқи режими нави қурби мубодилавии якхела;

- ба вуҷуд овардани шароит барои рушди босуръати бозори пул ва сармоя дар шароити қурби ягонаи мубодилавӣ;

Ҳамин тариқ, давлат ва нақши он ҳангоми танзими иқтисодиёт халкунанда мебошад. Ба ақидаи номиналистон, давлат пул ба вуҷуд намеорад, балки танҳо пардохтпазирии ивазкунандагони пули ҳақиқиро дар соҳаи гардиш қонунӣ мегардонад.

Дар **боби сеюм – «Коркарди самтҳои барномавии таъмини устувории воситаҳои пулӣ дар ҶТ»** - тадбирҳои ноил гардидан ба устувории асъори миллӣ дар шароити устувории ояндадор пешниҳод карда шудааст.

Дар Тоҷикистон бозори асъори хориҷӣ ба ду сегменти асосӣ ҷудо мешавад. Ба сегменти якум бозорҳои расмию тиҷоратии асъор дохил мешаванд, сегменти дуюм бошад бозори асъори накд ва ғайринақдии сиёҳро дарбар мегирад.

Пешниҳоди бозории бозори расмии асъорро асъор ва андӯхтҳои асъорӣ, ки аз фурӯши нахи пахта, алюминий, тилло, фулузоти дигар, нерӯи барқ, хӯрока ба даст меоянд, ташкил мекунанд.

Даромадҳои асъории содироти хусусӣ, муҳоҷироне, ки дар хориҷа кор мекунанд ва дигар агентҳои иқтисодӣ пешниҳодоти асъории бозори сиёҳро ташаккул медиҳанд.

Қурби мубодилавии асъор метавонад вобаста ба таносуби байни пешниҳоду талабот ба асъори хориҷӣ тағйир ёбад. Барои ноил гардидан ба бадалпазирии асъори миллӣ бояд вазифаҳои зерин ҳал карда шаванд:

- тараққии босуръати соҳаҳои ба содирот нигаронидашуда;
- рушди бахши хусусӣ, андешидани тадбирҳо ва фароҳам овардани шароите, ки фаъолияти субъектҳои иқтисодии ба нархҳои бозорӣ мутобиқгардидаро ҳавасманд мекунад;
- суръатафзоии савдои байналхалқӣ;
- дастгирии ислоҳоти иқтисодӣ ва баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба асъори миллӣ.

Натиҷаҳои муомилоти берунии мол ҳамчунин собит месозанд, ки шароити савдои беруна якхела нест. Сол аз сол ҳиссаи воридот дар ММД нисбат ба нишондиҳандаи содирот зиёд мешавад, тавозуни савдо бошад дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои мусбати соли гузашта касрӣ аст.

Яке аз лаҳзаҳои манфии иқтисодиёти Тоҷикистон истифодаи нокифияи қурби асъор барои ҳавасмандгардонии корхонаҳо ба истеҳсоли моли содиротӣ ба ҳисоб меравад. То ҳол дар мамлакат молҳое истеҳсол мешаванд, ки ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ нестанд. Дар натиҷа ба мамлакат ба миқдори кофӣ асъори хориҷӣ ворид намегардад. Дар баробари зарурати ташкили бозорҳои истехсолӣ, инноватсионӣ ва ғайра водор месозад, ки пасандози асъори хориҷӣ сарф карда шавад.

Таҷрибаи давлатҳое, ки дар асоси қурби расмии асъор ислоҳот мегузаронанд, нишон медиҳад, ки натиҷаҳои ислоҳоти мазкур якхела нестанд. Дар Аврупои Шарқӣ, ки қурби расмии мубодилаи асъор мавриди истифода аст, суръати тези таваррум мушоҳида мешавад.[13]

Ба тағйир ёфтани қурби бозории асъор омилҳои зерин таъсир мерасонанд:

---

[13] Юксаков В. Лидеры мировой экономики. – М.: Знание, 1998. – 238 с.

1. Тағйир ёфтани завқу рағбати истеъмолкунандагон. Ҳангоми зиёд шудани талаботи истеъмолкунандагон ба моли ягон мамлакат талабот ба асъори ин мамлакат низ зиёд мешавад.

2. Тағйирёбии нисбии даромад. Агар афзоиши даромади миллии ягон мамлакат аз нишондиҳандаи дахлдори мамлакати дигар болотар равад, курби мубодилаи асъори он поён меравад.

3. Тағйирёбии нисбии нарх. Агар дар ягон мамлакат, масалан, дар Тоҷикистон сатҳ нархҳои дохилӣ тез боло равад, дар мамлакати дигар, масалан, дар ИА ин нишондиҳанда бе тағйир монад, истеъмолкунандагони тоҷик молҳои нисбатан арзони британиро ҷустуҷӯ мекунанд ва дар натиҷа талабот ба «евро» баланд мешавад.

4. Меъёрҳои нисбатан воқеии фоиз. Фарз мекунем, ки ИМА ба мақсади ғалаба кардан бар таваррум сиёсати «пули гаронбаҳо»-ро истифода мебарад. Дар натиҷа меъёрҳои воқеии фоизӣ дар ИМА нисбат ба мамлакатҳои дигар боло меравад.

Ҳамин тавр, афзоиши талабот ба дороиҳои молиявии амрикоӣ ба сабаби сиёсати «пули гаронбаҳо» мумкин аст боиси тавсеаи пешниҳодоти евро гардад, ки дар натиҷа нархи доллар боло меравад.

Ҳамин тариқ, омилҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст, ки ба динамикаи қурби пул таъсири бевосита мерасонанд:

- сатҳи хароҷот ба истеҳсоли даромади миллӣ;
- қобилияти харидории пул ва сатҳи бекурбшавии он;
- ҳолати тавозуни пардохт, ки ба пешниҳодоту талабот ба асъор таъсир мерасонад;
- сатҳи меъёри фоиз дар давлат;
- боварию эътимод ба асъор дар бозори ҷаҳон;

Бисёр будани қурби асъор, мавҷудияти қурбҳои расмӣ, тиҷоратӣ, бозорӣ, минтақавӣ, фарқи калони байни қурби бозорӣ ва расмӣ ва ғайра боиси азнавтақсимкунии ғайриоқилонаи даромади асъорӣ мегарданд.

Дар ин маврид, буҷа, соҳаи кишоварзӣ ва қисми асосии аҳолӣ бохт мекунанд. Алҳол дар Тоҷикистон якчанд бозори мубодила мавҷуд аст:

- бозори музояда ё савдо дар бозори асъори мамлакат;
- бозори савдои асъор тавассути нуқтаҳои мубодила;
- бозори асъори байни бонкҳо;
- бозори ғайрирасмӣ, сиёҳи асъор;
- бозори савдои чаканаи асъори бонкҳои тиҷоратӣ.

Арзиши расмии сомонӣ, ки дар доллари ИМА инъикос ёфтааст, соли 2017 50 фоиз беқурб гардид. Ба ибораи дигар агар 1 доллар соли 2009 3,3 сомонӣ бошад, дар охири соли 2017 он 9 сомонӣ буд. Ҳамин тариқ, дар давраи пасазбӯҳрон фарқи байни қурби расмӣ ва ғайрирасмӣ назаррас афзуд.

Ҳамзамон ҳамаи тағйироти қурби бозорӣ аз таъсири қурби расмии мубодила бармеояд. Ба фикри мо, чунин тадбирҳое андешидан лозим аст, ки қурби расмӣ паст шавад. Ба туфайли ин, қурби бозор низ паст мешавад, бинобар ин сатҳи инҷимод (стагфляция) низ ба поён меравад. Дар натиҷа ҳам қурби расмӣ ва ҳам қурби номиналии асъор миқдори якхелаи

мубодиларо инъикос мекунанд, пастшавии ин ду қурб бошад боиси пастшавии қурби воқеӣ гардида, воридотро маҳдуд ва содиротро ҳавасманд мегардонад.

Дар устувории асъори миллӣ вазъияти макроиқтисодии мамлакат низ нақши калон мебозад. Тибқи маълумоти оморӣ афзоиши устувори ММД соли 1997 оғоз ёфт ва соли 2017 ба 7,6% расонидани он ба туфайли сиёсати мусбии иқтисодӣ ва монетарӣ дар мамлакат имконпазир шудааст.

Аз ҷадвали чорум маълум мегардад, ки дар мамлакатамон болоравии устувори нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ идома дорад.

**Ҷадвали 4.**

**Нишондиҳандаҳои асосии тараққии иқтисодиёти ҶТ дар солҳои 2010-2017**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2010** | **2013** | **2015** | **2017** |
|---|---|---|---|---|
| Сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ (млн. сомонӣ) | 404,0 | 1251,9 | 975.9 | 11179.9 |
| ММД (млн. сомонӣ) | 2112,9 | 42097,0 | 36839,4 | 48745,3 |
| Андӯхти давлатӣ (млн. сомонӣ) | 515,3 | 1175,3 | 879,2 | 11761,3 |
| Хароҷоти истеъмолӣ (млн. сомонӣ) | 639,7 | 1550,9 | 1211,2 | 8341,1 |
| Афзоиши воқеии миёнаи солонаи ММД (фоиз) | 6,5 | 7,4 | 6,0 | 6,9 |
| Афзоиши миёнаи солонаи истеҳсоли махсулоти саноатӣ (фоиз) | 9,7 | 6,2 | 10,4 | 14,1 |
| Афзоиши солонаи маҷмӯи махсулоти кишоварзӣ (фоиз) | 6,8 | 8,5 | 10,4 | 18,2 |
| Сатҳи бекорӣ (фоиз) | 2,1 | 2,3 | 2,3 | 2,2 |
| ММД ба ҳар сари аҳолӣ (ҳаз.сом.) | 3285,8 | 5019,1 | 5727,8 | 6299,6 |

Ҷадвалро муаллиф дар асоси маҷмӯаи «Таджикистан в цифрах» (Душанбе, 2017. – 205 с.) тартиб додааст.

Ҳамзамон нишондиҳандаи афзоиши нархҳои мавҷуда имкон намедиҳад, ки устувории гардиши пул, ҳамчунин қобилияти харидории пул баланд бардошта шавад.

Аз ҷадвали 4 чунин бармеояд, ки аз соли 2010 то соли 2017 нишондиҳандаҳои сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ 3,5 баробар ММД кариб 3 баробар, андӯхти давлатӣ бештар аз 2,5 баробар зиёд шудааст. Соли 2016 ММД ба ҳар сари аҳолӣ афзуд ва 6299,3 сомониро ташкил кард.

Дар баробари лаҳзаҳои мусбат лаҳзаҳои манфӣ низ мавҷуданд. Сиёсати пулие, ки хукумати мамлакат амалӣ мегардонад, то андозае ба боздоштани бекурбшавии пул мусоидат кард. Соли 2017 дар муқоиса бо соли 2016 индекси умумии нархҳои истеъмолӣ 3,7% , индекси нархҳои яклухти истехсолӣ 4,1% афзуд[14]. Албатта чунин афзоиш ночиз аст, вале ба ҳар ҳол афзоиш вуҷуд дорад ва он то андозае аз ҳисоби рушди маҳсулоти миллии дохилӣ ва қисми дигараш, асосиаш аз ҳисоби афзоиши массаи пули дар гардишбуда, ки бо мол таъмин нест ($M_1$ ва $M_2$) ба амал меояд.

[14]Банковский статистический бюллетень. – Душанбе, 2018. - №1. (270). 14с.

Барои таъмини пойдори устувории гардиши пул зарур аст:

1) Таъмин намудани амалигардонии тадбирҳо оид ба риояи қонунҳои гардиши пул, ки онҳоро дар боло номбар кардем;

2) Ба даст овардани баробарии воқеӣ, доимии байни маҷрои молу хизмат аз як тараф ва маҷрои пул аз тарафи дигар;

3) Гардиши пул ва суръати он бояд дар доираи суръати додашуда бошад.

4) Таъмини рушди динамикии бахши истеҳсолӣ ва бахши инфрасохтори истехсолӣ, аз ҷумла логистика.

5) Ба даст овардани бо тилло таъмин будани пул ва нигоҳ доштани он.

Дар таъмини танзими гардиши пул ва баланд бардоштани қобилияти харидории пул таъмини асъори миллӣ бо мол ё хизмат, афзоиши захираи асъори устувори хориҷӣ нақши калон мебозад.

Агар миқдори пули дар гардишбуда бо мол ё хизмат таъмин бошад, ба устувории гардиши пул ноил гардидан мумкин аст, ки он дар ҳолатҳои зерин ифода меёбад:

- ба аҳолӣ ва соҳибкорон имкон медиҳад муттасил даромади пулиро сарф кунанд;

- ба қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба молу хидмат имкон медиҳад;

- имкони қонеъ гардонидани эҳтиёҷ ба содир кардани молҳои истеъмолӣ ба миён меояд, ки боиси афзоиши арзишмандии асъори миллӣ мегардад;

- имкони диверсификатсияи сохтори молӣ ва баланд бардоштани сифати он ба миён меояд;

- зиёд кардани суръати гардиши мол ва беҳтар намудани сохтори он.

Амалӣ гардонидани консепсияи ба ҳам пайвастани бозор бо танзими давлатӣ имкон медиҳад ҳодисаҳои ба вуҷуд омадани пули изофӣ ё молу хизмати изофӣ дар миқёси калон истисно карда шаванд. Ин бошад имкон медиҳад аз чунин ҳодисаҳои барои устувории молиявию макроиқтисодӣ хавфнок, аз қабили девалватсияи пул, аз эътибор соқит кардани як қисми пули когазӣ бо роҳи гирифтани он аз гардиш ё ислоҳоти пул канораҷӯӣ карда шавад.

Дар ин ҷо тадбирҳои девалватсионӣ барои танзими қурби асъор, ҳавасмандгардонии воридоту содирот ва таъмини мувозинати байни онҳо андешида мешаванд. Ислоҳоти пул тадбири ниҳоиест, ки давлат истифода мебарад. Он барои ба тартиб овардани низоми пулӣ мавриди истифода қарор мегирад.

Ба назари мо дар Тоҷикистон барои таъмини гардиши устувори пул ва баланд бардоштани қобилияти харидории пул тадбирҳои зеринро андешидан лозим аст:

1. Бо молу хидмат таъмин кардани пул. Ин корро бо роҳҳои зерин иҷро кардан мумкин аст:

а) тезонидани суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли молу хизмат, назаррас зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли молҳои истеъмолӣ ва сармоягузорӣ. Иҷрои ин корҳо дар сурати амалӣ гардонидани тадбирҳои зерин имконпазир мегардад:

- кам кардани бори андоз ва коҳиш додани саддҳои маъмурӣ;
- бо техника ва технологияи нав ёрӣ расонидан;
- пешниҳод кардани қарзҳои арзон.

Тадбирҳое, ки дар ин самт амалӣ гардонида мешаванд тамоми воситаҳоро оид ба ихтисори миқдори пул дар гардиш, маҳдуд кардани барориши пул, паст кардани хароҷоти давлатӣ, ихтисори касри буҷа дарбар мегиранд.

Барориши пул бояд қатъан бо эҳтиёҷоти қтисодиёт ба воситаҳои гардиш маҳдуд гардад, ки ин кор бо роҳи муайян кардани марзи афзоиши массаи пул иҷро мешавад. Мақсади ин тадбир таҳкими сатҳи нарх аст.

б) кам кардани воситаҳои пулии дар гардишбуда. Ба ин кор бо роҳи аз ҷониби давлат фурӯхтани объектҳои замин, комплексҳои манзил, воситаҳои асосии корхонаҳои хурду миёна ноил гардидан мумкин аст. Ғайр аз ин, оид ба фурӯши як қисми захираи тилло ва захираҳои асъорӣ тибқи қурби озод ба харидорони гуногун тадбирҳо андешида мешаванд.

2. Дар бобати тасбити гардиши пул пешгирӣ кардани касри буҷа ҷузъи муҳим ба ҳисоб меравад. Агар буҷаи касрдор рафъ нагардад, он барориши пулро ҳавасманд мегардонад.

Коҳиши касри буҷа ва заиф намудани таъсири онро ба устувории сиёсати пулию молӣ тавассути тадбирҳои зерин амалӣ гардонидан мумкин аст:

- кам кардани хароҷот ба моддаҳои камсамари буҷа;
- зиёд кардани даромади бахши давлатӣ;
- гузаронидани хароҷот ба соҳаҳои камтаваррум;
- маблағгузорӣ ба каср бо методҳои пасттаваррум.

Ба ақидаи мо воситаҳои буҷаро ба идораи давлатӣ кам кардан мумкин аст. Ҳамаи маблағҳое, ки баъди ихтисори масрафҳои мазкур ва паст кардани касри буҷа ба даст меоянд, бояд ба соҳаҳое равона шаванд, ки молҳои истеъмолӣ мебароранд.

3) Девалватсияи сомонӣ ва тағйир додани низоми асъор

Гузаронидани девалватсия бояд қисми таркибии ислоҳоти иқтисодӣ бошад, ки дар мамлакат амалӣ мегардад. Мақсади ислоҳоти иқтисодӣ даст кашидан аз тақсими мутамаркизи захираҳои асъорӣ мебошад. Дар роҳи танзими қурби сомонӣ ба мақсади мутавозин кардани таносуби талабот ва пешниҳодот дар бозори пул девалватсия яке аз чораҳои асосӣ ба шумор меравад. Ин бошад, дар навбати худ, ба таъмини бадалпазирии он мусоидат менамояд.

**III. Хулоса ва пешниҳодҳои асосӣ**

Тадқиқоти ба анҷом расонида ба муаллиф имкон дод ба хулосаҳои зерин расад:

1. Пул молест, ки вазифаи арзиши умумиро иҷро мекунад ва намуди махсуси мол мебошад, ки дорои арзиш ва сифати арзиши умумии молу хизмат аст.

Асоси назарии таъмини устувории пул бояд ба сифати раванде омӯхта шавад, ки аз моҳияти пул, арзиши истеъмолии он ба сифати моле, ки арзишмандӣ дорад, бармеояд.

2. Дар давраи гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ пул мӯҳтавои нав пайдо карда, ба иҷрои вазифае шурӯъ менамояд, ки ба сифати воситаи гардиш истифода мешавад.

Ҷонибдорони назарияҳои микдорӣ ва монетарӣ чунин мешуморанд, ки омили асосӣ, муайянкунандаи таъмини устувории пул миқдори пул дар гардиш мебошад, тарафдорони кейнсгаройӣ бошанд тадбирҳо оид ба таъмини шуғл ва сармоягузорӣ, ҳамчунин тадбирҳоро оид ба кам кардани касри буҷаи давлатӣ ба мадди аввар мегузоранд.

3. Таваррум дар давраи гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ раванди ногузир мебошад. Дар кор таърифҳои мафҳуми «таваррум», ки классикон ва олимони муосири пешбар пешниҳод кардаанд, мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Онҳо чунин мешуморанд, ки ба таваррум на пул ва на барзиёдии он, балки ҳодисаҳои иқтисодие, ки ба пул ягон муносибат надоранд, оварда мерасонанд.

4. Ихтисори воситаҳои пулие, ки дар гардишаст, дар мамлакат бо роҳи риояи қатъии нишондиҳандаҳои ҳадафманди афзоиши захираҳои қарзӣ, бо ёрии меъёри маблағгузории такрории сиёсати пулию қарзӣ, истифодаи самарабахши чунин воситаи бозорӣ, аз қабили миқдори андӯхти ҳатмӣ, ҳамчунин гузаронидани амалиётҳои фаъолона бо ёрии ӯҳдадориҳои кӯтоҳмуддати давлатӣ имконпазир гардид.

5. Давлат бояд тавассути истифодаи технологияҳои пешбару пешқадам, ҷалби сармоягузории хориҷӣ, ҳамчунин тадриҷан паст кардани қурби асъор, такмили сохтори воруди молҳои воридотӣ маҳсулнокии дохилиро ҳавасманд гардонад.

## IV. Мақолаҳо дар маҷаллаҳо, маҷмӯаҳои асарҳои илмӣ, маърӯзаҳои чопшудаи конференсияҳо:

Мақолаҳо дар нашрияҳо, ки ба Феҳристи маҷаллаҳои илмӣ ва нашрияҳои пешбари тақризшаванда дохил мешаванд.

2. Ҷанбаҳои назарию таърихии ташаккули вазифаи низоми пул ва нақши он дар шароити давраи гузариш // Номаи Донишгоҳ ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров. – Хуҷанд, 2013.- №3(26), – С. 65-72 (0,3 ҷ.ч.).

3. Ҷанбаҳои ҳуқуқии рушди инфрасохтори молиявӣ .//Муаммоҳои қонунгузории муосир: назария ва амалия: Конфр.ҷум. - Хучанд, 2015. – С. 54-62 (0,5 ҷ.ч.).

4. Таносуби асъори миллӣ ва асъори хориҷӣ: вижагиҳо ва омилҳои таъсиррасонанда//Конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Тоҷикистон дар асри XXI: дурнамои рушди устувори иқтисодиёти миллӣ” ш. Хуҷанд, 2014, (0,5 п.л)

5. Банақшагирии фаъолияти молиявии корхонаҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ //Конференсияи илмию амалии олимони ҷавон ва профессорону омӯзгорони ДДҲБСТ, (ш.Хуҷанд, апрелс.2015.).-Хуҷанд,- 2015 – С. 85-93 (0,4 ҷ.ч.).

6. Олатҳо ва усулҳои амалигардонии консепсияҳои ислоҳотии рушди сиёсати монетарӣ ва бонкӣ дар иқтисодиёти гузариши ҶТ / Ахбори ДДҲБСТ.- 2015. №2 (192). – С. 15-22 (0,3 ҷ.ч.).

7. Ташаккули сиёсати пулии мамлакат чун асоси устувории иқтисодиёти миллӣ / Ахбори ДМТ.- 2015. - №2/5. – С. 156-163 (0,6 ҷ.ч.).

8. Вижагиҳои таъмини устувории низоми пули миллӣ дар шароити раванди гузариш //Номаи Донишгоҳ ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров. – Хуҷанд, 2016. - №2 (27).– С. 72-81 (0,5 ҷ.ч.).

9. Асъори миллӣ чун асоси таъмини устувории бизнеси хурду миёна дар иқтисодиёти гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон //Дастовардҳои муҳаққиқон:Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ– Хуҷанд: Нанотех, 2-16. – С. 92-102 (0,4 ҷ.ч.).

10. Танзими давлатии сиёсати пулию қарзӣ дар шароити амиқшавии иқтисодиёти бозорӣ //Номаи Донишгоҳ ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров. – Хуҷанд, 2018.- №1 (55), – С. 85-91 (0,4 ҷ.ч.).

# АННОТАЦИЯ

**на диссертацию Сафарова Алимахмада Гуловича на тему «Теоретические аспекты совершенствования денежных отношений в переходной экономике (на материалах Республики Таджикистан)» представленной на соискание ученой степени кандидата экономических наук по специальности 08.00.01 – Экономическая теория (общая экономическая теория) в диссертационном совете 6D.КОА-004 при Таджикском национальном университете.**

Диссертационная работа представляет собой исследование теоретических основ денежных отношений РТ в условиях рыночных отношений.

Изучение вопросов денежных отношений как основа развития национальной экономики Таджикистана, является актуальным. Достижение высокой конвертируемости национальной валюты снижает уязвимость социально экономических, товарно-производственных, внешнеэкономических и др. видов деятельности перед эндо-, и экзогенными угрозами; стабилизация национальной валюты способствует повышению уровня доходов населения, а значит и повышения уровня благосостояния народа республики. Стабильность курса национальной валюты определяется уровнем развития производственного сектора экономики, масштабами экспорта, денежными переводами о трудовых мигрантов и т.д. Она оказывает воздействия и на конкурентоспособность отечественной продукции на внешнем рынке.

Научная работа показывает, что вектором экономических реформ в плане повышения денежных отношений национальной валюты Таджикистана должно стать формирование благоприятной среды в экономике; сделана попытка раскрыть институциональные аспекты обеспечения устойчивого денежного обращения, взаимосвязь между уровнем денежного обеспечения экономики и институтов рынка. В диссертации раскрыты объективные законы денежного обращения, показаны их различия, а также особенности функционирования национальной валюты в современных условиях; раскрыто воздействия инфляции на стабильность национальной валюты и устойчивости денежного обращения; обоснованы предложения по проведению экспериментов с целью предотвращения негативных последствий быстрого роста денежной массы. Проанализировано место денежно-кредитной политики государства в общей экономической политике и эффективности мероприятий по устранению причин неустойчивости денег и обосновано основные направления совершенствования этой политики. Разработаны предложения по устранению проблем, способствующих снижению скорости движения денежных средств и эффективности их использования. Эти проблемы показаны на основе анализа основных факторов, характеризующих устойчивость национальной валюты (сомони).

Практическая значимость диссертационного исследования заключается в применении его результатов для оценки уровня устойчивости национальной валюты. Предложения и рекомендации автора можно использовать при разработке государственных мер и программ по обеспечению устойчивости денег и повышению их ценности в национальной экономике Таджикистана.

# АНОТАТСИЯ

**диссертатсияи Сафаров Алимаҳмад Гулович дар мавзӯи «Ҷанбаҳои назарии такмили муносибатҳои пулӣ дар иқтисодиёти гузариш (дар маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 18.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (назарияи умумии иқтисодӣ) ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА- 004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.**

Кори диссертатсионӣ тадқиқоти асосҳои назарии муносибатҳои пулиро дар ҶТ дар шароити муносибатҳои бозорӣ дарбар мегирад.

Омӯзиши масъалаҳои муносибатҳои пулӣ чун асоси рушди иқтисодиёти миллии Тоҷикистон хеле муҳим мебошад. Ноил гардидан ба табдилпазирии баланди асъори миллӣ заъфпазирии намудҳои фаъолияти иҷтимоию иқтисодӣ, молию истеҳсолӣ, иқтисоди берунӣ ва дигар намудҳои фаъолиятро дар баробари таҳдидҳои эндо- ва экзогенӣ паст мекунад; устувории асъори миллӣ ба баланд бардоштани сатҳи даромади аҳолӣ, ва ба туфайли ин болоравии сатҳи некӯаҳволии халқи ҷумҳурӣ мусоидат мекунад. Устувории қурби асъори миллӣ бо сатҳи рушди бахши истеҳсолии иқтисодиёт, миқёси содирот, интиқоли пул аз ҷониби муҳоҷирон ва ғайра тавсиф меёбад. Он ба рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозори беруна низ таъсир мерасонад.

Кори илмӣ собит месозад, ки дар бобати баланд бардоштани муносибатҳои пулии асъори миллии Тоҷикистон бояд ташаккули муҳити мусоид дар иқтисодиёт шартиислоҳоти иқтисодӣ гардад; барои кушода додани ҷанбаҳои институтсионалии таъмини устувории гардиши пул, робитаи мутақобилаи байни сатҳи таъмини пулии иқтисодиёт ва институтҳои бозор кӯшиш ба харҷ дода шудааст. Дар диссертатсия қонунҳои объективии гардиши пул кушода дода, фарқи онҳо, ҳамчунин хусусиятҳои фаъолияти асъори миллӣ дар шароити ҳозира нишон дода шудааст; таъсири таваррум ба устувории асъори миллӣ ва устувории гардиши пул собит карда шудааст; пешниҳодҳо оид ба гузаронидани таҷрибаҳо ба мақсади пешгирии оқибатҳои манфии афзоиши босуръати массаи пул асоснок карда шудаанд. Ҷои сиёсати пулию қарзии давлат дар сиёсати умумии иқтисодӣ ва самарабахшии тадбирҳо оид ба рафъи сабабҳои ноустувории пул мавриди таҳлил қарор гирифтанд. Самтҳои асосии такмили ин сиёсат асоснок карда шудаанд. Оид ба рафъи мушкилоте, ки ба паст шудани суръати ҳаракати воситаҳои пулӣ ва самарабахшии истифодаи онҳо мусоидат мекунанд, пешниҳодҳо таҳия гардидаанд. Масоили мазкур дар асоси таҳлили омилҳои умда, ки устувории асъори миллӣ (сомонӣ)-ро тавсиф менамоянд, нишон дода шудаанд.

Аҳамияти амалии тадқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки натиҷаҳои корро барои арзёбии сатҳи устувории асъори миллӣ истифода бурдан мумкин аст. Пешниҳоду тавсияҳои муаллифро ҳини таҳияи тадбирҳою барномаҳои давлатӣ оид ба таъмини устувории пул ва баланд бардоштани арзишмандии он дар иқтисодиёти миллии Тоҷикистон мавриди истифода қарор додан имконпазир аст.

## ANNOTATION

**on the thesis of Safarova Alimahmad Gulovich on the thesis "Theoretical aspects of improving monetary relations in the transition economy (on the materials of the Republic of Tajikistan)" presented of the degree of candidate of economic sciences in specialty 08.00.01 - Economic theory (general economic theory) in the thesis council 6D.KOA-004 at the Tajik National University.**

The thesis is a study of the theoretical foundations of monetary relations in Tajikistan in the conditions of market relations.Studying the issues of monetary relations as the basis for the development of the national economy of Tajikistan is topical. Achieving high convertibility of the national currency reduces the vulnerability of socio-economic, commodity-production, foreign economic and other types of activity to endo- and exogenous threats; stabilization of the national currency contributes to the increase in the level of incomes of the population, and hence to the improvement of the well-being of the people of the republic. The stability of the national currency rate is determined by the level of development of the production sector of the economy, the scale of exports, remittances for labor migrants, etc. It also has an impact on the competitiveness of domestic products in the foreign market.

Scientific work shows that the formation of a favorable environment in the economy should become the vector of economic reforms in terms of increasing the monetary relations of the national currency of Tajikistan; an attempt was made to disclose the institutional aspects of ensuring a stable monetary circulation, the relationship between the level of monetary security of the economy and the institutions of the market. The dissertation reveals the objective laws of monetary circulation, shows their differences, as well as the features of the functioning of the national currency in modern conditions; the impact of inflation on the stability of the national currency and the stability of monetary circulation; Proposals for conducting experiments to prevent the negative consequences of rapid money supply growth are grounded. The place of the state's monetary and credit policy in the general economic policy and the effectiveness of measures to eliminate the causes of money instability are analyzed and the main directions for improving this policy are substantiated. Proposals have been developed to address problems that reduce the speed of cash flows and the effectiveness of their use. These problems are shown on the basis of an analysis of the main factors characterizing the stability of the national currency (somoni).

The practical importance of the dissertation research is to apply its results to assess the level of stability of the national currency. The proposals and recommendations of the author can be used in the development of government measures and programs to ensure the stability of money and increase their value in the national economy of Tajikistan

*Сдано в набор 29.03.2019 г.  Подписано в печать 03.04.2019 г. Формат 60x84 $^{1}/_{16}$.  Бумага офсетная. Усл. п.л. 3,5.*
*Заказ № 37. Тираж 100 экз.*
*Отпечатано в типографии ТНУ*
*Душанбе, ул. Лахути, 2.*

*Ба матбаа 29.03.2019 супорида шуд.*
*Ба чопаш 03.04.2019  имзо шуд.*
*Қогази офсет. Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопӣ 3,5.*
*Супориши № 37. Адади нашр 100 нусха. Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кӯчаи Лоҳутӣ 2.*